## СУРАТМАҶЛИСИ №15
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019

**4 феврали соли 2023** **ш. Душанбе**

Иштирок доштанд: аз 15 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №15/шд тасдиқгардида, 12 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

### РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш. дар бораи пешниҳоди диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, барои гузаронидани экспертизаи диссертатсия сухан ронда, пешниҳод кард, ки ҷиҳати гузаронидани экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Ализода З. ва доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Зоир Ҷ.М. ташкил карда шавад.

### ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исозода Парвиз Асадулло дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии конститутсионии маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 –

Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, барои гузаронидани экспертиза қабул карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои Шуро Ализода З.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои Шуро Азиззода У.А.
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, аъзои Шуро Зоир Ҷ.М.

**Қарор якдилона бо овоздиҳии ошкоро қабул карда шуд.**

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Гадоев Б.С.**